# ТАҚРИЗИ

муқаррризи расмӣ ба кори диссертатсионии Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи “Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир дар роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 - Назария,методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти** Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи “Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир дар роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон”, дар он ифода мегардад, ки масъалаи мавриди таҳқиқ қарордода бо назардошти он ки интихоби касб ин худ раванди махсуси педагогист ва дар марҳалаи кунунии ислоҳоти низоми маорифи мамлакат муносибат ва тағйиротҳои куллиро тақозо менамояд. Доир ба зарурияти мавзуи мазкур муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ин муносибат аз нигоҳи гуманистӣ ба кор бурда шуда, он пеш аз ҳама ба меҳнат ва ба шароит мутобиқ гардидани насли наврасро дар назар дорад ва ба яке аз мавзуъҳои мубрам ва ҳалталаби педагогикаи муосир маҳсуб меёбад. Зеро, тавре ки муҳаққиқ изҳор намудааст, тарбияи роҳнамоии касбии хонандагони синфҳои болоӣ қонеъ гардонидани талаботи шахсият ба фаъолияти меҳнатӣ ва рушди ҳамаҷонибаи ӯро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, беҳбудии фаъолияти якҷояи оила ва муассисаи таълимӣ дар омодасозии наврасон ба интихоби касб дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти зиёде ва ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин муаммо ниёз дорад.

Бо назардошти андешаҳои муҳаққиқи рисола дар раванди ислоҳоти низоми маорифи мамлакат рушди назария ва методикаи фаъолияти якҷояи оила ва муассисаи таълимӣ дар омодасозии наврасон ба интихоби касб муҳим ба шумор рафта, такмилу инкишофи он зарур дониста мешавад.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло зикршуда аз они шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар шароити кунунӣ ниҳоят муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он ба ташаккули фаъолияти якҷояи оила ва муассисаи таълимӣ дар омодасозии наврасон ба интихоби касб мусоидат мекунад.

Диссертатсияи Акмалова Малоҳат Абдуллоевна аз муқаддима, ду боб, 6 зербахш, хулосаҳои бобҳо, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст.

***Дар боби якуми рисола -“ Масъалаҳои назариявӣ ва методологии роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон”***-роҷеъ ба асосҳои илмию педагогии раванди ташкили тарбияи меҳнатии хонандагон ҳамчун самти асосии роҳнамоии касбӣ сухан рафта, моҳият ва хусусиятҳои ҳамкориҳои оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар ин раванд ва роҳҳои самарабахши имконпазири ташкили он, омӯзиш ва таҳлили таълифоту таҳқиқоти илмӣ  вобаста ба мавзуъ ба таври мушаххас мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дар боби мазкур дар асоси таҳлили манбаъҳои назариявӣ ва натиҷаҳои таҷрибаи илмию педагогӣ равшан карда шудааст, ки ба роҳ мондани тарбияи роҳнамоии касбинтихобкунии наврасону ҷавонон маҳз тавассути фаъолияти муштараки оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир, ки ба шахсияти ҷисман солим, рӯҳан қавӣ, ниёз дорад, бо дарназардошти махсусиятҳои синнусолии хонандагон барои интихоби касб натиҷаҳои самарабахш хоҳад дод. Дар боби мазкур муаллифи рисола қайд менамояд, ки аз таҳлилу таҳқиқоти гузаронидашуда бармеояд, ки масъалаҳои ба шуғл ҷалб кардани бекорон, тарбия намудани хонандагон дар руҳияи меҳнатдӯстӣ чун кадрҳои тахассусӣ дар самти роҳнамои касбӣ ба такмил ниёз доранд. Зеро пешравии илму техника, рушди бемайлони муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ тарзу усулҳои нави корбарии ба талаботҳои бозори меҳнат ҷавобгӯро талаб мекунад. Шавқу ҳавас ва рағбат надоштан ҳангоми интихоби касб боиси он мегардад, ки хонандагон аз рӯи касби саҳвану таваккалӣ интихобкардаашон фаъолият кардан намехоҳанду ба кор дилгармӣ надоранд ва оқибат корашон самар намедиҳад.

***Боби дуюми рисола, ки “Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба самтҳои асосии фаъолияти муштараки оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон”*** номгузорӣ шудааст, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба самтҳои асосии фаъолияти муштараки оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаро оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон дар бар гирифта, унсурҳои асосии таъсиррасони низоми тамоилҳои касбии хонандагон, ки сифатҳои арзишманди шахсияти онҳоро ифода мекунанд, муайян карда шуданд. Натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқоти тӯлонӣ ба дастомада нишон медиҳанд, ки унсурҳои асосии сохторӣ, ки низоми тамоили касбиро ташкил медиҳанд, аз инҳо иборатанд: а) омӯзиши касб; б) таблиғоти касбӣ; в) машварати касбӣ; г) интихоби касб; д) мутобиқшавии касбӣ;  е)

омӯзиши шахсияти хонандагон бо мақсади тамоили касбӣ; з) тарбияи касбӣ;и)мутобиқшавии иҷтимоӣ-касбӣ.

Яке аз чузъҳои мусбии корро бо он ишора кардан мумкин аст, ки муаллиф нахуст ба муайян намудани мундариҷаи фаъолияти муштараки оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаро оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, сохтор, субъект ва объекти раванди педагогӣ, накша-барномаҳои таълимӣ-тарбиявӣ, фаъолияти таълимӣ ва методии он, бо таҷриба ва дастовардҳои педагогон шинос гардида, онро ҳамаҷониба ва дақиққорона мавриди омӯзиш ва таҳил қарор додааст.

Бояд таъкид кард, ки дар воқеъ таҳқиқоти Акмалова Малоҳат Абдуллоевна аз арзиши илмиву аҳамияти амиқи назариявию амалӣ бархурдор буда, дар он масъалаҳои муҳимми фаъолияти муштараки оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба таври мукаммал таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Дар баробари ин, довталаб Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар таҳқиқоти диссертатсионии хеш таҳқиқу таҳлили проблемаҳои муҳиммеро вобаста ба мавзуи диссертасия ба нақша гирифта, зимни таҳлили амиқи адабиёт, сарчашмаҳои илмӣ, баррасию шарҳи тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба танзими онҳо, омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳҳои гуногуни истифодаи восита ва шаклҳои фаъолияти муштараки оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаро оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон, ҳамчун муаммои педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ, муайян кардани муҳтавои педагогӣ ва гузаронидани озмоишҳои педагогӣ ***ба навгониҳои илмии зерин муваффақ гардидааст. Аз ҷумла:***

- нақши ҳалкунандаи меҳнат дар роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон муайян карда шудааст;

- вижагиҳои усулҳои таъсири педагогии оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии хонандагон таҳқиқ карда шудаанд;

- таъсири оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон ошкор гардида, дар ин замина амсилаи педагогии ҳамкории муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа ҷиҳати роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон коркард карда шудааст;

- байни оила, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати рушди роҳнамоии касбии хонандагон муносибати мақсаднок ва доимӣ барқарор карда шудааст;

- низоми фаъолияти оила, ҷомеа ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оиди роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон муайян карда шудаанд;

- маҷмуи восита ва шаклҳои ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон такмил дода шудаанд;

- имконияти раванди фаъолияти меҳнатӣ дар шароити иқтисоди бозаргонӣ бо назардошти ҷалби оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар ташкили роҳнамоии касбии ҷавонону наврасон ба таври назариявӣ асоснок карда шудаанд;

- восита ва усулҳои зарурии таъсиррасонии педагогии волидайн ва омӯзгорон ҷиҳати роҳнамоии касбии ҷавонону наврасон муайян карда шудаанд;

- дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ тавсияҳои илмӣ ва амалӣ таҳия карда шуданд, ки ба беҳтар шудан ва баланд бардоштани сатҳи роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон мусоидат хоҳанд кард.

Аз ин дидгоҳ, месазад, ки таҳқиқоти мавриди баррасиро мубраму саривақтӣ ва дархӯри ниёзҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар арзёбӣ кунем.

Қобили зикр аст,ки дурустӣ ва фарогири тамоми ҷанбаву паҳлӯҳои назариявию амалии мавзуи диссертатсия будани вазифаҳо ва фарзияи илмии муаллифи диссертатсияро қайд намоем. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва озмоишҳои баргузорнамудаи Акмалова Малоҳат Абдуллоевна, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯйи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардаашро дар амал тасдиқ намудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** асоси илмиву воқеӣ дошта, баҳсангез нестанд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшударо собит месозанд.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.***

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии тадқиқоти гузаронидашуда тибқи муқаррароти аввалияи назариявӣ; мантиқӣ-илмии тадқиқи масъала тавассути интихоби методҳои ба предмет, ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқот мувофиқ ва бардавомнокии кори таҷрибавию

озмоишӣ, таҳлили бонизоми натиҷаи ҷавобҳои иштирокчиёни тадқиқот ба даст омадаанд.

Яке аз самтҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар онаст, ки муаллифи рисола масъалаи фаъолияти муштараки оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаро оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон ва роҳҳои ташаккули онро ҳам аз дидгоҳи олимону пажӯҳишгарони варзидаи ватанӣ ва ҳам аз таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ ҳаматарафа омӯхта, таҳлил ва баррасӣ намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳоди омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ кардааст. Барои исботи андешаҳои худ аз осори илмии олимон, мутафаккирон, ва тадқиқотҳои муосири ватанӣ ва хориҷи кишвар андешаву мулоҳизаҳои хеле зиёду арзишмандро далел овардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро боз ҳам возеҳтар собит месозанд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотӣ-методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу тавсифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф ҳамчун унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҳарсолаи олимон ва омӯзгорон, машваратҳои августии омӯзгорон, ҷаласаҳои шуъбаи дахлдори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд ва дар амалияи фаъолияти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ татбиқ карда шудаанд.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:***

*Аҳамияти назариявии таҳқиқот* дар такмили назарияи педагогика ифода ёфта, аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари он аст:

- аз нуқтаи назари сохтори системавӣ роҳнамоии касбии хонандагон, моҳият ва хусусиятҳои ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон тавсиф карда шудааст;

- вазъи роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон таҳлилу баррасӣ шуда, технологияи муосири роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон зимни ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа нишон дода шудаанд;

- шароитҳои педагогии самараноки ташкили роҳнамоии касбии хонандагон ва ҳамкории муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа дар ин раванд аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардидаанд.

*Аҳамияти амалии таҳқиқот* дар он зоҳир меёбад, ки ҷанбаҳои педагогии раванди роҳнамоии касбии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардида, натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои методии коркард ва манзургардида ҷиҳати роҳнамоиии касбӣ ва касбинтихобкунии хонандагон истифода шуда метавонанд. Ҳамчунин, асосҳои назариявию методӣ ва тавсияҳоро оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳамкории муассисаи таълимӣ, оила ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати роҳнамоии касбии хонандагони муассиаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавон ба таври васеъ истифода бурд.

Тавсияҳои методии таҳия ва пешниҳодшуда ба ташаккули ҳамкории муассисаи таълимӣ, оила ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати роҳнамоии касбии хонандагони муассиаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бе чуну чаро мусоидат хоҳанд кард.

***Мутобиқати мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи илмии ихтисос.***

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Акмалова Малоҳат Абдуллоевна, дар мавзуи "Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир дар роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон", ки ба шиносномаи ихтисоси илмӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 - Назария,методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар 9 мақолаи илмӣ, ки 7 тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд, инъикос ёфтаанд.

***Мутобиқат ба расмиятдорории диссертатсия ба талаботи "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдорории диссертатсияҳо":***

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдорории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм, автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқ буда, автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро инъикос карда, доир ба моҳияти таҳқиқоти

гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф маълумот медиҳад.

Дастовардҳои диссертатсия, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои он тибқи талаботи Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба микдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, ҷадвалҳо ва диаграмма таъмин аст.

Матни диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оммафаҳм, равону амиқ буда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ комилан риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳу равшан бароварда шудааст.

***Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:***

Дар баробари дастовардҳои муҳимми илмиву амалӣ, ки дар боло зикр гардиданд, диссертатсия аз камбудиҳо низ холӣ нестанд, ки ёдрас намудани онҳо барои такмили минбаъдаи диссертатсия аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Масалан:

1. Муаллиф дар диссертатсия оид ба метод, восита ва шаклҳои ҳамкории муассисаи таълимӣ, оила ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати роҳнамоии касбии хонандагони муассиаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маълумот додааст. Хуб мешуд, агар муҳаққиқ методу восита ва шаклҳои пешқадами онро дар мисоли баъзе аз ноҳияву шаҳрҳои кишвар оиди ҳамкории муассисаи таълимӣ, оила ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати роҳнамоии касбии хонандагони муассиаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар шакли таҳлил ва намуна мисол меовард.

2.Диссертант дар боби якуми диссертатсия масъалаҳои моҳият ва хусусиятҳои ҳамкориҳои оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар ин раванд ва роҳҳои самарабахши имконпазири ташкили он, омӯзиш ва таҳлили таълифоту таҳқиқоти илмӣ вобаста ба мавзуъ ба таври мушаххас мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Вале дар ин қисмат таҳлили асарҳо ва андешаҳои муҳаққиқон ва олимони ватанӣ оиди ҳамкориҳои оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар ин раванд дар шароити имрузаи кишвар ба таври кофӣ инъикос наёфтаанд.

3.Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Ҳамзамон бояд афзуд, ки камбудҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши баланди илмиву амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

**ХУЛОСА**

1.Диссертатсияи Акмалова Малоҳат Абдуллоевна кори ба итмомрасидаи илмӣ-тадқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2.Унвонҷӯй ба ҳадафи дар тадқиқот гузоштааш ноил шуда, вазифаҳои илмии тадқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи тадқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3.Диссертатсияи Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи "Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир дар роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 - Назария,методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомнома оид ба "Шурои диссертатсионӣ" ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 - Назария,методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** доктори
илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва
касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи Бобоҷон Ғафуров" Шаропов Ш. А

"_____"_______________2024с.

***Маълумот барои тамос:***
*735700. ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1; Тел.+992 (992-3422) 6-52-73, +992 92 77178 70; Почтаи электронӣ: sharofzod 1954@mail.ru.*

*Имзои Ш.А.Шароповро тасдиқ мекунам.*
*Сардори РК ва КМ-и МДТ «ДДХ*
*ба номи академик Б. Ғафуров»* *Наврӯзов Э.М.*